## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ дар мавзуи «Такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити муосир (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ ба яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳими иқтисодиёти муосир – такмили механизми молиявии идоракунии таваррум дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар шароити тағйирёбии вазъи иқтисоди ҷаҳонӣ, таъсири омилҳои беруна ба иқтисоди миллӣ, тағйирёбии нархҳо ва зарурати таъмини суботи макроиқтисодӣ, омӯзиши масъалаҳои идоракунии таваррум аҳаммияти махсуси назариявӣ ва амалӣ касб менамояд.

Муаллиф дар таҳқиқот масъалаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ташаккул ва такмили механизми молиявии идоракунии раванди таваррумро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст. Дар диссертатсия моҳият, сабабҳои пайдоиш ва омилҳои таъсиррасон ба таваррум, таҷрибаи ҷаҳонии танзими равандҳои таваррумӣ ва хусусиятҳои идоракунии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шудаанд.

Арзиши илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф ҷанбаҳои назариявии механизми молиявии идоракунии таваррумро такмил дода, пешниҳодҳои навро оид ба истифодаи усулҳои оморӣ ва эконометрикӣ барои арзёбӣ ва пешгӯии равандҳои таваррумӣ пешниҳод намудааст. Ҳамчунин, механизми молиявии идоракунии таваррум барои ояндабинӣ ва баҳодиҳии алоқамандии таваррум бо нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ коркард шудааст.

Ҷиҳати мусбати диссертатсия истифодаи васеи маълумоти оморӣ, таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Олмон, Ҷопон, ИМА ва дигар давлатҳо мебошад, ки барои асоснок намудани хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмии муаллиф заминаи боэътимод фароҳам овардааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми таҳияи сиёсати зиддитаваррумӣ, такмили сиёсати пулию қарзӣ, баланд бардоштани самаранокии фишангҳои монетарӣ ва таъмини устувории рушди иқтисоди миллӣ истифода шаванд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас, баъзе масъалаҳо метавонанд дар корҳои минбаъдаи илмӣ боз ҳам муфассалтар таҳқиқ карда шаванд. Аз ҷумла, истифодаи моделҳои муосири иқтисодӣ барои пешгӯии таваррум ва таҳлили таъсири рақамикунонии иқтисодиёт ба равандҳои таваррумӣ, инчунин таҳлили асарҳои олимони хориҷи наздик ва ватанӣ метавонад таҳқиқотро боз

ҳам ғанӣ гардонад. Аммо ин эродҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Хушвахтзода Дилшод Сангалӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Арбоби шоистаи илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи
иқтисоди муҳандисӣ ва менеҷменти Донишкадаи политехникии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи
академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Назаров А.А.

**Суроғаи шахсӣ**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кучаи Хосилот, 110
телефон: (+992 92) 707-49-71.
E-mail: anazarov_mtm@rambler.ru

Имзои д.и.и., профессор Назаров А.А.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва назорати иҷрои Донишкадаи
политехникии Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон ба номи
академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Юсупова М.Ш.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исомили Сомонӣ, 226
телефон: (+992 3422) 6-04-54 e-mail: info@polytech.tj

____________________
«___» ____________ 2026 с.